«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______________ Раҳмон Д.С.
«____» октябри соли 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Диссертатсияи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дар кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

**Қурбонзода Рудобаи Исмоил** соли 2017 факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик ва соли 2019 зинаи магистратураро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 2019 то соли 2021 ба ҳайси докторанти PhD дар кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони муассисаи мазкур ба пажуҳиш машғул гардидааст. Айни замон ба ҳайси муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Қурбонзода Рудобаи Исмоил доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети филологияи тоҷик ва журналистика 22.02.2020, қарори № 7 ва Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 25.02.2020, қарори № 7/6-16 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар таърихи 30.01.2024, таҳти № 2 ба докторанти фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисос дар бораи супоридани имтиҳоноти маҷмуӣ маълумотномаи академӣ (транскрипт) додааст. Довталаби дараҷаи илмӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи

Рӯдакӣ (аз 03.02.2024, № 275) фарқиятҳои академиро аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) супоридааст. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба **Қурбонзода Рудобаи Исмоил** дар бораи супоридани фарқият 5 феврали соли 2024 варақаи инфиродии имтиҳонӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Ономастика ҳамчун як соҳаи муҳимми забоншиносӣ баробари дигар самту соҳаҳои он мавқеи асосӣ дошта, солҳои охир омӯзишу таваҷҷуҳи вижа ба ин қисмати забон равона гардидааст. Дар номшиносии тоҷик дар баробари ҳаллу фасли масъалаҳои назариявию амалӣ ҳоло низ вобаста ба номвожаҳо масъалаҳое низ вуҷуд доранд, ки ҳалталабанд. Гузашта аз ин, омӯзиш ва ба низоми муайян даровардани номҳои хосси осори алоҳида ҳоло низ ба дараҷаи зарурию мукаммал пажуҳиш нагардида, омӯзишу таҳқиқи амиқро талаб менамояд. Маҳз чунин ҳолат диссертантро ба он водор намудааст, ки ономастикаи ёдгории арзишманд – «Таърихи Бухоро»-и Наршахиро мавриди омӯзишу баррасии забоншиносӣ қарор диҳад. Бо дарназардошти ин матлаб Қурбонзода Рудобаи Исмоил ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахиро мавриди баррасии сохторию маъноӣ қарор дода, зарурати пажуҳиши асарро асоснок намудааст. Ба қавли муаллиф «... зарурати интихоби мавзуи мавриди пажуҳиш дар навбати аввал диққати муаллифро ба таъриху ташаккули номҳои асар, ки аз як ҷониб фонди луғавии забонамон ғанӣ бигардад, аз ҷониби дигар, барои дарёфти маълумоти арзишманди таърихӣ дар шинохти расму анъаноти миллӣ аз нуктаи назари таърихию забоншиносӣ, махсусан, номшиносии тоҷик ба миён овард».

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад**. Мазмуну муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои илмии бадастомада ба мавзуи пажуҳишӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, № 503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.**

Муаллифи диссертатсия зимни пажуҳиш ба шакли муфассал мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додани ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахиро **мақсади асосӣ** интихоб намуда, барои расидан ба ин ҳадаф дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст: –

– ҷамъоварии маводи ономастикони асар;
– банизомдарории маводи ономастикони ин ёдгории хаттии таърихӣ;
– шинохт ва муаррифии нусха ва тарҷумаҳои «Таърихи Бухоро»;
– таснифи қабати умумии маводи ономастикони асар аз рӯйи сохтор;
– ҳангоми пажуҳиши антропонимияи асар, муқаррар кардани мавқеъ ва ҷойгоҳи ин қабати онимӣ дар забони асари таърихӣ;
– ҷамъоварӣ ва таснифи антропонимияи асар ва таҷзияву баррасии ин воҳиди ономастикӣ дар заминаи баромади забонии онҳо;
– вобаста ба мавқеи истеъмол ва чандомад муқаррар намудани қабати антропонимияи сермаҳсул ва каммаҳсул дар асар;
– таснифоти қабати антропонимияи асар аз рӯйи дараҷа, мақому ҷойгоҳ, мансаб ва нақши ҳаётӣ;
– таҳқиқи вижагиҳои сохторӣ ва луғавӣ-маъноии топонимияи асар;
– таснифи маводи топонимияи ёдгории таърихӣ ба зерқабатҳои алоҳидаи топонимӣ вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ;
– муқаррар намудани баъзе вижагиҳои умумиву хосаи маводи топонимӣ нисбат ба дигар осори адабию таърихӣ;
– муайян намудани қолабҳои дастурии топонимияву микротопонимия ва баррасии ҷанбаҳои ташаккулу таҳаввули онҳо;
– ҷамъоварӣ ва таҳлили қабати хрематонимияи асар ва таснифи он ба қабатҳои номбаршаванда;
– баррасӣ ва шарҳи истилоҳоти луғавии қабати номҳои асар, аз ҷумла хрематонимия, этнонимия, космонимия, ҷанг, сура, дин ва ғайра;
– муттаҳид сохтани номҳои ҷанг, сура ва дин ҳамчун фасли алоҳида бо номи «Номҳои марбут ба шохаҳои дигари ономастика» ва мавриди таҳлили забоншиносӣ қарор додани онҳо.

Ба сифати сарчашмаи таҳқиқ, ки ономастикаи он мавриди таҳлили сохторию маъноӣ қарор гирифтааст, китоби «Таърихи Бухоро»-и Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ, ки соли 2012 аз ҷониби Ғ. Ғоибов, К. Олимов ва Н. Амиршоҳӣ таҳия ва нашр гардидааст, истифода шудааст.

Муаллифи диссертатсия ҳангоми пажуҳиши масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ алоқаманд аз асарҳои илмии забоншиносону номшиносони ватанию хориҷӣ, осори таърихӣ, сарчашмаҳои луғавӣ истифода намудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқро** асарҳои илмию назарии муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, аз қабили С. Роспонд, В.В. Бартолд, Э.М. Мурзаев, В.А. Никонов, А.В. Суперанская, О.Н. Трубачев, В.Н. Топоров, А.П. Дулзон, Ю.А. Карпенко, Е.М. Поспелов, А.И. Попов ва номшиносони ватанӣ А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, А.А. Абдунабиев, Ҷ. Алимӣ, Ш. Исмоилов,

М. Шодиев, О. Маҳмадҷонов, Р. Шоев, С. Абдуллоева, Д. Майнусов, Д. Ҳомидов, Б. Тураев, С. Шералиева, Ш. Гуламадшоев, Ф. Давлатова, Ҷ. Рустамшо, Э.А. Абдусамадзода, Ш. Рустамшо, М. Саидов, Ш. Ҳайбулоев, М. Қаюмова ва дигарон ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал маводи ономастикаи тарҷумаи форсӣ-тоҷикии «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ мавриди пажуҳиши таърихию забоншиносӣ қарор гирифтааст. Натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи қабати ономастикони асар навгониҳои зиёдеро рӯйи кор овардааст, ки дар рушду таҳаввули забоншиносии тоҷик таъсири ҳамоҳангу лозим дорад.

Диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ арзишманд буда, ин арзишнокӣ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ мавриди пажуҳиши пурраи сохторию маъноӣ қарор гирифтааст. Маҳз омӯзиши номҳои «Таърихи Бухоро» вазъи феълии рушди забони форсӣ-тоҷикиро дар давраҳои гуногун, махсусан, ҳуҷумҳои таърихӣ, ки зарбаҳои муҳлик ба пайкари забони форсӣ-тоҷикӣ зада шуда буд, то андозае возеҳ месозад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаи амалии бадастомада дар таҳияи номномаҳо, фарҳангу луғатномаҳои номшиносӣ, фарҳангномаҳои соҳавӣ, таҳия ва коркарди дастурҳои таълимию китобҳои дарсӣ мансуб ба таърихи забон, хондани курсу семинари махсус ва ҳамоишҳои илмӣ оид ба масъалаҳои номшиносӣ дар гурӯҳи ихтисосҳои равияҳои гуманитарӣ, махсусан, риштаи филологӣ, ҷуғрофия, сотсиология, таърих, фарҳангшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат хоҳанд кард. Натиҷаҳои таҳқиқ ва маълумоти он метавонад зимни омӯзиш ва таҳқиқи лексикологияи таърихӣ, таърихи забон, ҳамчунин, шевашиносӣ, хоссатан, шевашиносии таърихӣ, махсусан, ҳангоми тартиб додани луғатҳои номшиносӣ ва чандзабона, номномаҳо, зимни хондани курсҳои махсус ва машғулиятҳо оид ба масъалаҳои номшиносӣ дар макотиби олии кишвар истифода гардад.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар 1 монография, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маводи конференсияи байналмилалӣ ва 2 мақола дар маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) мувофиқ мебошанд.

Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашршуда аз доираи мавзуи пажуҳишӣ буда, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферати пурра инъикос менамоянд.

## I. Китоб ва монография:

[1-М]. Қурбонзода, Р.И. «Таърихи Бухоро» – махзани ном (таҳқиқи таърихӣ, забоншиносӣ ва оморӣ) [Матн] / Р.И. Қурбонзода. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2023. – 120 с.

## II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[2-М]. Қурбонзода, Р.И. Таҳқиқи лингвистии антропонимияи тоҷикии «Таърихи Бухоро»-и Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ [Матн] / Р.И. Қурбонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 5. – С. 62-66.

[3-М]. Қурбонзода, Р.И. Таҳлили лингвостатистикии томонимияи «Бухоро» ва «Самарқанд» дар «Таърихи Бухоро»-и Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ [Матн] / Р.И. Қурбонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 3. – С. 57-61.

[4-М]. Ҳомидов, Д.Р., Қурбонзода, Р.И. Таснифи дараҷавӣ ва мавқеи номҳои ифтихорӣ дар «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ [Матн] / Д.Р. Ҳомидов, Р.И. Қурбонзода // Паёми Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе», 2022. – № 4 (29). – С. 84-91.

[5-М]. Қурбонзода, Р.И. Нигориши забонии хрематонимияи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ [Матн] / Р.И. Қурбонзода // Паёми Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2023. – № 4-2 (33). – С. 154-162.

## III. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[6-М]. Қурбонзода, Р.И. Таҳқиқи лингвостатистикии топонимияи «Бахоро» ва «Самарқанд» дар «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ [Матн] / Р.И. Қурбонзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессору омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022 бахшида ба эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои

табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (солҳои 2020-2040) (ш.Кӯлоб, 14-16 апрели соли 2022). – Душанбе: КВД «Матбаа». – С.129-130.

[7-М]. Қурбонзода, Р.И. «Таърихи Бухоро» ва қиммати онимии (антропонимия)-и он [Матн] / Р.И. Қурбонзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессору омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022 бахшида ба эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (солҳои 2020-2040) (ш.Кӯлоб, 14-16 апрели соли 2022). – Душанбе: КВД «Матбаа». – С.130-132.

[8-М]. Қурбонзода, Р.И. Бозбинӣ ва мавқеи гидронимия дар «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ [Матн] / Р.И. Қурбонзода // Забон – рукни тоат (маҷаллаи илмӣ. № 14). Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV» (ба ифтихори 90-солагии д.и.ф., узви вобастаи АМИТ, профессор Қосимова М.Н.) (Душанбе, 16-уми январи соли 2023). – Душанбе, 2022. – С. 448-453.

[9-М]. Қурбонзода, Р.И., Абдусамадзода, Э.А. Таҳлили луғавӣ-маъноии оронимия дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ [Матн] / Р.И. Қурбонзода, Э.А. Абдусамадзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Стратегии и тендеры развития журналистики, филологии и лингводидактики» (Душанбе, 24 октябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 10-16.

**Натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаю дастовардҳои кори диссертатсионӣ**, ки дар шакли монография, мақолаву гузоришҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, конференсияҳои байналмилалӣ ва семинару машваратҳои илмӣ инъикос ёфтаанд, ба масъалаи мавриди пажуҳиш алоқмандаии ногустанӣ дошта, онҳоро дар самтҳои дигари забоншиносӣ, таърих, ҷуғрофия, сиккашиносӣ ва ғайра татбиқ намудан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуктаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллифи рисолаи илмӣ дар ҷамъоварии мавод аз нигоҳи сохтор, маъно ва мансубияти забонию решашиносӣ бориз мебошад. Муаллиф дар ин пажуҳиш маводи онимастикаи асарро аз нигоҳи сохторию маъноӣ баррасӣ намуда, натиҷаҳои мушахасси илмӣ ба даст овардааст.

Кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил **«Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию пажуҳишӣ таълиф гардида, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул гардид.

Иштирок дошт: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 10 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 3 аз 30.10.2024.

**Раиси ҷаласа:**
доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси филология, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон — Саидзода Муҳаммад Бегмурод

**Котиби илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон — Давлатова Фароғат Тулқуновна

Имзоҳои М.Б. Саидзода ва Ф.Т. Давлатоваро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: — Амиров Файзуллохуҷа Азизович

Нишонӣ: 735360, шаҳри Кулоб, кӯчаи С. Сафров, 16.
Тел.: (+992 3322) 2-35-09; факс: (+992 3322) 2-35-06.
Сомонаи расмӣ: www.new.kgu.tj

«30» октябри соли 2024.